# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «_22_» _августи_ соли 2017 № _3130_ ш. Душанбе

Дар бораи амалишавии қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2017, №7/36

Бо мақсади амалишавии қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2017, №7/36 «Дар бораи тасдиқи Дастурамал оид ба таҳияи сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқи банди 13-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145) ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2017, №7/36 «Дар бораи тасдиқи Дастурамал оид ба таҳияи сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди амал қарор дода шавад (замима мегардад).

2. Ба ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ супорида шавад:

2.1. Ҳангоми тақсимоти соат (кредит)-ҳои сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи Дастурамали мазкурро риоя намоянд.

2.2. Аз соли таҳсили 2017-2018 тақсимоти соат (кредит)-ҳои сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони муассисаи таълимиро тибқи талаботи Дастурамали мазкур ба роҳ монанд.

3. Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Ф.Ҳайдаров) ва раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм (И.Донахонов) иҷрои фармоиши мазкурро таъмин намоянд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир Б.Одиназода гузошта шавад.

Асос: қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2017, №7/36

Вазир Нуриддин Саид

Муовини вазир
Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва котибот

# ҚАРОРИ МУШОВАРАИ
# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «_29_» _майи_ соли 2017 №_7/36_ ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи Дастурамал оид ба таҳияи сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дастурамал оид ба таҳияи сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро муҳокима намуда,

қ а р о р м е к у н а д:

1. Дастурамал оид ба таҳияи сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Ба ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шавад, ки иҷрои талаботи Дастурамали мазкурро таъмин намоянд.
3. Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ риояи Дастурамали мазкурро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зери назорат гирад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир Б.Одиназода гузошта шавад.

Раиси мушовара,
вазир Нуриддин Саид

Бо қарори мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» майи соли 2017
№7/36 тасдиқ карда шудааст.

# ДАСТУРАМАЛ
# ОИД БА ТАҲИЯИ САРБОРИИ ТАЪЛИМИИ ҲАЙАТИ ОМӮЗГОРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дастурамал оид ба таҳияи сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- Дастурамал) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, №118) ва дигар асноди меъёрии ҳуқуқии зинаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамал оид ба таҳияи сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони кафедраҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои ҳисоби соатҳои кафедраҳо ва тартиби муайян намудани ҳаҷми сарбории умумии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро муайян менамояд.

2. Ҳисоби соатҳои кафедраҳо ва ҳаҷми сарбории умумии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо назардошти иҷро намудани тамоми шаклҳои корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодӣ, ки аз вазифаҳои ишғолнамудаи онҳо, нақшаҳои таълимии ихтисосҳои роиҷи зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ (бакалавриат, мутахассис, магистратура, докторантура аз рӯи ихтисос (доктори фалсафа (PhD)), шаклҳои амалкунандаи таҳсил (рӯзона, ғоибона, фосилавӣ), нақшаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва иҷтимоӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бармеоянд, муқаррар карда мешавад.

3. Ҳисоби соатҳои кафедраҳо ва ҳаҷми сарбории умумии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои як соли таҳсил аз корҳои: таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодӣ иборат мебошад.

4. Ҳуҷҷати муайянкунандаи сарбории умумии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нақшаи инфиродӣ ба шумор меравад, ки он тибқи меъёрҳои Дастурамали мазкур ва нақшаи корҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва иҷтимоӣ-тарбиявии кафедраҳо аз ҷониби ҳар як омӯзгор барои як соли таҳсил тартиб дода мешавад.

## 2. МУҚАРРАРОТИ ҲИСОБИ СОАТҲОИ КАФЕДРА ВА САРБОРИИ УМУМИИ ҲАЙАТИ ОМӮЗГОРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

5. Ҳисоби соатҳои кафедраҳо тибқи тавзеҳномаи Дастурамали мазкур (замима) ба роҳ монда мешавад, ки дар он талаботи муайян намудани воҳиди вақт барои иҷрои шаклҳои гуногуни корҳои таълимӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодии омӯзгорони дар шакли кормандони асосӣ, ҳамкор (дохилӣ ё берунӣ) ва соатбайъ фаъолияткунанда муайян карда мешавад.

6. Кормандони асосии кафедраҳо профессорон, дотсентон, муаллимони калон ва ассистентҳое ба шумор мераванд, ки дар ҳаҷми 1,0 воҳиди корӣ дар асоси иштирок дар озмуни ишғоли вазифа бо қарори Шӯрои олимон, фармоиши ректор ва ба имзо расонидани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бо раёсати муассисаҳои таълимӣ ба мӯҳлати то 5 сол интихоб гардидаанд ва ё профессорон, дотсентон, муаллимони калон ва ассистентҳое, ки бо фармоиши ректор ба муҳлати то се моҳ ҳамчун иҷрокунандаи вазифа ба кор қабул карда мешаванд.

7. Ҳамкорони дохилии кафедраҳо профессорон, дотсентон, муаллимони калон ва ассистентҳое мебошанд, ки дар сохторҳои роҳбарӣ, кафедраҳо ва воҳидҳои дигари сохтории муассисаи таълимӣ ҳамчун корманди асосӣ дар ҳаҷми 1,0 воҳиди корӣ фаъолият менамоянд ва бо фармоиши ректор танҳо барои як соли таҳсил дар ҳаҷми 0,25-0,5 воҳиди корӣ ба вазифаи профессор, дотсент, муаллими калон ва ассистент ба кор қабул карда мешаванд.

8. Ҳамкорони берунии кафедраҳо профессорон, дотсентон, муаллимони калон ва ассистентҳое мебошанд, ки дар вазорату идораҳо, кафедраҳо ва воҳидҳои сохтории дигар муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои истеҳсолии ҷумҳурӣ, ҳамчун корманди асосӣ дар ҳаҷми 1,0 воҳиди корӣ фаъолият менамоянд ва бо фармоиши ректори муассисаи таълимӣ танҳо барои як соли таҳсил дар ҳаҷми 0,25-0,5 воҳиди корӣ ба вазифаи профессор, дотсент, муаллими калон ва ассистент ба кор қабул карда мешаванд. Ҳамкорони берунӣ танҳо дар як муассисаи таълимӣ ба вазифаҳои профессорон, дотсентон, муаллимони калон ва ассистентҳои кафедраҳо дар асоси розигии ҳатмии роҳбари муассисае, ки дар он ҳамчун корманди асосӣ фаъолият менамоянд, ба муҳлати то як сол ба кор қабул карда мешаванд.

9. Қабули омӯзгорон дар шакли ҳамкорони дохилӣ ва берунӣ дар ҳаҷми 0,75 воҳиди корӣ ба тариқи истисно (муваққтан) дар асоси қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ иҷозат дода мешавад.

10. Кормандони тариқи ҳамкор дар кафедраҳо дар ҳаҷми 0,25-0,5 ё 0,75 воҳиди корӣ ба кор қабулгардида ҳамчун кормандони асосии кафедра, ки дар ҳаҷми 1,0 воҳиди корӣ фаъолият мекунанд, дар баробари иҷрои корҳои таълимӣ, корҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодиро низ ба нақша гирифта, тибқи реҷаи корӣ ва нақшаи инфиродии омӯзгорӣ ба таври ҳатмӣ иҷро менамоянд.

11. Ҳисоби соатҳои кафедраҳо ва сарбории умумии омӯзгорон бо назардошти теъдод, натиҷаи таҳлил ва баҳисобгирии нақшаҳои таълимии инфиродии бакалаврҳо, мутахассисон, магистрҳо ва докторантоне, ки тибқи нақшаи қабул аз рӯи ихтисосҳои амалкунанда дар шаклҳои таҳсили рӯзона, ғоибона ва фосилавӣ ба курси 1-ум қабул карда шудаанд ва донишҷӯён, магистрҳо ва докторантоне, ки дар курсҳои болоӣ таҳсил менамоянд, муқаррар карда мешавад.

12. Ҳисоби соатҳои кафедраҳо ва сарбории умумии омӯзгорон бо кредит (ё соатҳои академӣ) ба роҳ монда мешавад. Барои ҳисоби соатҳои кафедра ва сарбории умумии омӯзгорон *1 кредит дар ҳаҷми 24 соати академӣ* муқаррар карда мешавад.

13. Ҳаҷми сарбории умумии омӯзгорони кафедраҳо тибқи қонунгузории амалкунанда бо назардошти сарфи воқеии вақт, ки дар шакли бақайдгирӣ дар табели корӣ назорат карда мешавад, дар як соли таҳсил (44 ҳафта, ба истисноӣ 8 ҳафтаи рухсатии меҳнатӣ) ба таври умумӣ, новобаста аз вазифа, дараҷа ва унвони илмӣ барои 1,0 воҳиди корӣ 64 кредит (1536 соат) муқаррар карда мешавад, ки иҷрои корҳои зеринро дар бар мегирад:

- машғулиятҳои аудиторӣ (хондани лексия, гузаронидани дарсҳои лабораторӣ, амалӣ, семинарӣ ва корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор) – 16 кредит (25%);
- машғулиятҳои ғайриаудиторӣ (қабули рейтингҳои академӣ ва имтиҳонҳои ниҳоӣ, гузаронидани мусоҳибаҳо, роҳбарии кор ва лоиҳаҳои курсӣ, рисолаҳои хатми бакалавр, рисолаҳои дипломии мутахассис, рисолаҳои илмии магистрҳо, докторантура аз рӯи ихтисос (доктори фалсафа (PhD) ва аъзои комиссияҳои аттестатсияи хатм) – 7 кредит (11%);
- корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор берун аз ҷадвали машғулиятҳои дарсӣ (пешниҳод ва тасдиқи мавзуъҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯён, назорати вазъи иҷрои корҳои мустақилона аз ҷониби донишҷӯён, қабул ва баҳодиҳӣ ба корҳои мустақилонаи донишҷӯён – 10 кредит (16%);
- корҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодӣ – 31 кредит (48%);

14. Сарбории таълимии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (соатҳои фаъол, ғайрифаъол ва корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор берун аз ҷадвали машғулиятҳои дарсӣ), ки барои як воҳиди корӣ 33 кредитро ташкил медиҳад, ҷиҳати муайян намудани ҳаҷми музди меҳнати онҳо ҳамчун асос истифода карда мешавад.

15. Реҷаи кории кормандони асосии кафедраҳо бо назардошти иҷрои корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодӣ дар як ҳафта дар ҳаҷми 35 соат муайян карда мешавад.

16. Вақти иҷрои корҳои таълимии ҳайати омӯзгорони кафедраҳо ҳамчун сарбории таълимӣ тибқи тақвими академӣ, ҷадвали машғулиятҳои дарсӣ, ҷадвалҳои қабули рейтингҳои академӣ ва имтиҳонҳои ниҳоӣ дар давраҳои асосӣ ва иловагӣ (триместр)-и сессияҳои имтиҳонӣ танзим карда мешавад.

17. Ҳисоби соатҳои кафедраҳо ва сарбории умумии омӯзгорон аз ҷониби мудирони кафедраҳо то оғози ҳар як соли таҳсил дар асоси талаботи Дастурамали мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва бо қарори Шӯрои олимон ва фармоиши ректор тасдиқ карда мешавад.

## 3. МЕЪЁРҲОИ МУАЙЯН НАМУДАНИ САРБОРИИ ТАЪЛИМИИ ҲАЙАТИ ОМӮЗГОРОН

18. Сарбории таълимии омӯзгорон аз сарбории таълимии фаъол (гузаронидани машғулиятҳои аудиторӣ - дарсҳои лексионӣ, лабораторӣ, амалӣ, семинарӣ ва корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор) ва ғайрифаъол (назорат ва баҳодиҳӣ ба корҳои мустақилонаи донишҷӯён, қабули рейтингҳои академӣ ва имтиҳонҳои ниҳоӣ, гузаронидани мусоҳибаҳо, роҳбарии кор ва лоиҳаҳои курсӣ, рисолаҳои хатми бакалавр, рисолаҳои дипломии мутахассис, рисолаҳои илмии магистрҳо, докторантура аз рӯи ихтисос (доктори фалсафа (PhD) ва аъзои комиссияҳои аттестатсияи хатм) иборат мебошад.

19. Барои муайян намудани ҳаҷми тамоми шаклҳои корҳои таълимии сарбории таълимии ғайрифаъоли омӯзгорон риояи талаботи тавзеҳномаи Дастурамали мазкур ҳатмӣ мебошад.

20. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати ворид намудани соатҳо барои роҳбарии таҷрибаомӯзиҳо, роҳбарии кор ва лоиҳаҳои курсӣ, рисолаҳои хатми бакалавр, рисолаҳои дипломии мутахассис, рисолаҳои илмии магистрҳо, докторантура аз рӯи ихтисос (доктори фалсафа (PhD) ва аъзои комиссияи аттестатсияи хатм ба сарбории таълимии кормандони асосӣ (дар ҳаҷми 1,0 воҳиди корӣ), ҳамкорони дохилӣ ва берунӣ (дар ҳаҷми 0,25-0,5 воҳиди корӣ) ва ё муайян намудани иҷрои онҳо дар шакли соатбайъ мустақил мебошад.

21. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар муайян намудани ҳаҷми сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони кафедраҳо барои кормандони асосӣ дар ҳаҷми 1,0 воҳиди корӣ танҳо аз ҳисоби соатҳои фанҳои таълимии кафедраҳо, ки тадриси онҳо аз рӯи ихтисосҳои амалкунандаи шакли таҳсили рӯзона ба роҳ монда мешавад, мустақил мебошад.

22. Сарбории таълимии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба истисноӣ омӯзгорони фанни тарбияи ҷисмонии кафедраҳои умумидонишгоҳӣ бо назардошти иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор берун аз ҷадвали дарсӣ барои 1,0 воҳиди корӣ новобаста аз вазифа, дараҷа ва унвони илмӣ дар ҳаҷми 33 кредит (792 соат) муқаррар карда мешавад.

23. Сарбории таълимии омӯзгорони кафедраҳои умумидонишгоҳии тарбияи ҷисмонӣ ба истисноӣ ихтисосҳои соҳаи варзиш бо назардошти иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор берун аз ҷадвали дарсӣ барои 1,0 воҳиди корӣ дар ҳаҷми 32 кредит муайян карда мешавад.

24. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси зарурати истеҳсолӣ метавонанд бо қарори Шӯрои олимон ҳаҷми сарбории таълимии

омӯзгорони кафедраҳоро барои як воҳиди корӣ вобаста ба вазифа, дараҷа ва унвони илмӣ тафриқавӣ муқаррар намоянд.

Муайян намудани тафриқа дар ҳаҷми сарбории таълимии омӯзгорони кафедраҳо барои як воҳиди корӣ вобаста ба вазифа, дараҷа ва унвони илмӣ дар шакли ҷадвали 1 тавсия дода мешавад.

Ҷадвали 1

Ҳаҷми сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони кафедраҳо вобаста ба вазифа, дараҷа ва унвони илмӣ барои 1,0 воҳидӣ корӣ

| № | Вазифа, дараҷа ва унвони илмӣ | Ҳаҷми сарбории таълимии: | | | | КМРО берун аз ҷадвали дарсӣ | | Ҳамагӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | фаъол | | ғайрифаъол | | | | | |
| | | соат | кредит | соат | кредит | соат | кредит | соат | кредит |
| 1 | Профессор, доктори илм | 384 | 16 | 168 | 7 | 240 | 10 | 792 | 33 |
| 2 | Профессор, номзади илм | 408 | 17 | 168 | 7 | 240 | 10 | 816 | 34 |
| 3 | Дотсент, номзади илм | 432 | 18 | 168 | 7 | 240 | 10 | 840 | 35 |
| 4 | Дотсент, бе унвони илмӣ | 432 | 18 | 168 | 7 | 240 | 10 | 840 | 35 |
| 5 | Муаллими калон, номзади илм | 432 | 18 | 168 | 7 | 240 | 10 | 840 | 35 |
| 6 | Ассистент, номзади илм | 456 | 19 | 168 | 7 | 240 | 10 | 864 | 36 |
| 7 | Муал. калон, бе унвони илмӣ | 456 | 19 | 168 | 7 | 240 | 10 | 864 | 36 |
| 8 | Ассистент, бе унвони илмӣ | 480 | 20 | 168 | 7 | 240 | 10 | 888 | 37 |

25. Роҳбарӣ ба теъдоди муайяни кор ва лоиҳаҳои курсӣ, рисолаи хатми бакалаврӣ, рисолаи дипломии мутахассис ва рисолаи илмии магистрӣ барои омӯзгорон дар асоси қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад.

26. Соатҳо барои роҳбарии таҷрибаомӯзиҳо, кор ва лоиҳаҳои курсии тахассусӣ, рисолаҳои хатми бакалаврӣ, рисолаҳои дипломии мутахассис ва рисолаҳои илмии магистрӣ, ки дар давоми соли таҳсил аз ҷониби омӯзгорон иҷро карда мешаванд, бо назардошти нарасидани кадрҳои илмӣ-педагогии кафедраҳо ба сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони кафедраҳои мувофиқи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дохил карда мешаванд.

27. Ба омӯзгорони кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳие, ки дар ихтисосҳои кафедраҳои дигар сарбории таълимӣ иҷро менамоянд, дар як ихтисос пайиҳам зиёда аз ду сол банақшагирӣ ва иҷрои сарбории таълимӣ иҷозат дода намешавад.

28. Дар сурати дар кафедра нарасидани кадрҳои дорои дараҷа ва унвони илмӣ, бо қарори Шӯрои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба ассистентҳо барои гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ дар ҳаҷми то 6 кредит (144 соат) иҷозат дода мешавад.

29. Омӯзгорон дар давраи бемор будан, гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос аз иҷрои сарбории таълимӣ озод карда мешаванд. Машғулиятҳои дарсии онҳо дар ин давра аз ҷониби дигар омӯзгорони кафедраҳо тариқи иҷро намудани сарбории иловагии таълимӣ дар шакли соатбайъ гузаронида мешаванд. Дар баробари табобат гирифтан, ба анҷом расонидани курсҳои такмили ихтисос ва идома додани фаъолияти омӯзгорӣ, сарбории таълимии онҳо барои давраи боқимондаи соли таҳсил дар ҷаласаи кафедраҳо аз нав тасдиқ карда мешавад.

## 4. ТАРТИБИ ТАҲИЯ ВА ТАСДИҚИ САРБОРИИ ТАЪЛИМИИ ҲАЙАТИ ОМӮЗГОРОН

30. Мудирони кафедраҳо вазифадор мебошанд, ки дар заминаи ҷадвали воҳидҳои корӣ соатҳои кафедраро дар мувофиқа бо садорати факултет дар байни ҳайати омӯзгорон тақсим карда, ба раёсати таълим пешниҳод намоянд.

31. Дар сурати нарасидани омӯзгорони асосӣ, инчунин бо мақсади ҷалби мутахассисони соҳибтаҷриба мудирони кафедраҳо дар мувофиқа бо садорати факултет ва раёсат (шуъба)-и таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонад мутахассисонро дар шакли ҳамкор ё соатбайъ аз дигар муассисаҳои таълимӣ ё корхонаву муассисаҳои ҷумҳурӣ даъват намоянд.

32. Ҳайати омӯзгорон нақшаҳои инфиродии худро тибқи намунаи бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида таҳия менамоянд. Нақшаи инфиродии омӯзгорони кафедраҳо мазмуну мундариҷаи фаъолияти солона ва панҷсолаи онҳоро муайян менамояд.

33. Дар нақшаҳои инфиродии омӯзгорони кафедраҳо тамоми шаклҳои корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодӣ вобаста ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ба қайд гирифта мешавад.

34. Нақшаҳои инфиродии омӯзгорон дар ҷаласаи кафедраҳо муҳокима карда шуда, бо гузоштани имзо аз тарафи омӯзгорон, мудирони кафедра, деканҳои факултет, муовинони ректор оид ба таълим, илм ва тарбия тасдиқ карда мешаванд.

35. Нақшаҳои инфиродии омӯзгорон дар тамоми давраи фаъолияти қарордодии онҳо дар ду нусха (нусхаи якум дар кафедра ва нусхаи дуюм дар раёсат (шуъба)-и таълим нигоҳ дошта мешавад.

36. Дар охири соли таҳсил ҳар ду нусхаи нақшаи инфиродии омӯзгор бо қайди иҷрои воқеии корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодӣ ва пешниҳоди ҳисоботи солона аз ҷониби мудирони кафедраҳо, деканҳои факултет мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ба раёсат (шуъба)-ҳои таълим, илм ва тарбия супорида мешаванд.

37. Ҳаҷми сарбории таълимии дар шакли соатбайъ аз ҷониби кормандони асосии кафедраҳо иҷрошаванда ва пардохти музди меҳнати онҳо бо назардошти сарф гардидани вақти воқеӣ муайян карда шуда, дар як соли таҳсил то 10 кредит муқаррар карда мешавад.

38. Ҳаҷми сарбории таълимии аз ҷониби ҳамкорони дохилии кафедраҳо дар шакли соатбайъ иҷрошаванда ва пардохти музди меҳнати онҳо бо назардошти сарф гардидани вақти воқеӣ ба ҳисоб гирифта шуда, дар як соли таҳсил то 6 кредит муқаррар карда мешавад.

## 5. НИШОНДИҲАНДАҲОИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ВОҲИДҲОИ ВАҚТ БАРОИ ҲИСОБИ СОАТҲОИ КАФЕДРА

39. Теъдоди донишҷӯён барои гузаронидани шаклҳои гуногуни машғулиятҳои дарсӣ (лексия, машғулятҳои семинарӣ, амалӣ ва лабораторӣ, таҷрибаомӯзии таълимӣ) дар гурӯҳҳои академӣ 25 нафар ва дар зергурӯҳҳо 12-13 нафар муқаррар карда мешавад.

39. Бо назардошти дар натиҷаи қабул, хориҷ, барқарор ва интиқоли донишҷӯён пурра нагардидан ё аз меъёри муқарраргардида зиёд шудани теъдоди онҳо, ба таври истисно барои муайян намудани теъдоди донишҷӯён дар гурӯҳҳои академӣ – аз 19 то 35 нафар ва дар зергурӯҳҳо – аз 9 то 18 нафар иҷозат дода мешавад.

41. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар муайян намудани теъдоди донишҷӯён барои гузаронидани машғулияти лексионӣ дар шакли гурӯҳҳои академии якҷоя (патокҳо) мустақил мебошад.

42. Нишондиҳандаи дигари муайян намудани воҳидҳои вақт барои ҳисоби соатҳои кафедраҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба иҷро намудани шаклҳои гуногуни корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодӣ, ки тавассути кредитҳо (ё соатҳои академӣ) ба қайд гирифта мешаванд, тибқи тавзеҳномаи Дастурамали мазкур ба роҳ монда мешавад.

Замима

# ТАВЗЕҲНОМА

## ба Дастурамал оид ба таҳияи сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Меъёрҳои дар тавзеҳнома овардашуда тибқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.02.2017, №94), Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2016, №19/24) ва Дастурамал оид ба таҳияи сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.08.2017, №7/36) муайян карда шудааст.

2. Корҳои ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли сарбории умумӣ дар ҳаҷми 64 кредит (ё 1536 соат) муқаррар карда шудааст. Сарбории умумии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навбати худ ба қисмҳои сарбории таълимӣ ва корҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ, илмӣ-эҷодӣ ҷудо мешавад.

3. Қисми якуми сарбории омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ танҳо дар шакли иҷро намудани корҳои таълимӣ (сарбории таълимии фаъол, ғайрифаъол ва корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор берун аз ҷадвали машғулиятҳои дарсӣ) муқаррар гардида, ҳадди ақали ҳаҷми иҷрои намудани он барои 1,0 воҳиди корӣ дар як соли таҳсил ба 33 кредит (ё 792 соат) баробар мебошад (ҷадвали 2).

4. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҳолати бо назардошти махсусияти фанҳои таълимӣ пурра нагардидани сарбории таълимии ғайрифаъоли омӯзгорони кафедраҳои умумидонишгоҳӣ, аз ҷумла кафедраҳои умумидонишгоҳии илмҳои ҷомеашиносӣ метавонанд ин қисмро аз ҳисоби кредитҳои сарбории фаъол пурра гардонанд.

Ҷадвали 2

Меъёрҳои муайян намудани ҳаҷми сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

| № | Намудҳои фаъолияти таълимӣ | Меъёрҳои вақт барои ҳисоби сарборӣ бо соатҳои академӣ ё кредит | Тавзеҳот |
|---|---|---|---|
| **1** | **Сарбории таълимии фаъол** | **384 соат** | |
| 1.1 | Хондани лексия | 1 соат | ба гурӯҳҳои то 100 нафар |
| 1.2 | Гузаронидани машғулиятҳои амалӣ ва семинарӣ | 1 соат | ба як гурӯҳи 20-35 нафар |
| 1.3 | Гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанҳои забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва хориҷӣ | 1 соат | ба як зергурӯҳи 10-19 нафар |
| 1.4 | Гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанҳои тахассусӣ | 1 соат | ба як зергурӯҳи 10-19 нафара |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1.5 | Гузаронидани КМРО мувофиқи ҷадвали дарсӣ | 1 соат | ба як гурӯҳи 20-35 нафар |
| **2** | **Сарбории таълимии ғайрифаъол** | **168 соат** | |
| 2.1 | Гузаронидани машварат пеш аз имтиҳонҳои ниҳоӣ новобаста аз шакли қабули онҳо (тестӣ, хаттӣ, шифоҳӣ) | 1 соат | ба як гурӯҳи 20-35 нафар |
| 2.2 | Қабули имтиҳонҳои фосилавӣ тариқи тестӣ бо истифода аз компютер | 3 соат | ба як гурӯҳи 20-35 нафар |
| 2.3 | Қабули имтиҳони ниҳоӣ тариқи тестӣ бо истифода аз компютер | 3 соат | ба як гурӯҳи 20-35 нафар |
| 2.4 | Қабули имтиҳони ниҳоӣ бо тарзи хаттӣ | 0,2 соат | ба як донишҷӯ |
| 2.5 | Қабули имтиҳони ниҳоӣ бо тарзи шифоҳӣ | 0,4 соат | ба як донишҷӯ |
| 2.6 | Қабули корҳои назоратӣ (барои шаклҳои таҳсили ғоибона ва фосилавӣ) | 0,2 соат | ба як донишҷӯ |
| 2.7 | Иштирок дар Комиссияи аттестатсияи хатм барои раис ва аъзо | 0,5 соат | ба як донишҷӯ |
| 2.8 | Роҳбарӣ ба корҳои курсии фаннӣ | 1-2 соат | ба як донишҷӯ |
| 2.9 | Роҳбарӣ ба корҳои курсии тахассусӣ | 3 соат | ба як донишҷӯ |
| 2.10 | Роҳбарӣ ба таҷрибаомӯзии таълимӣ | 36 соат | ба як зергуруҳ дар як ҳафта |
| 2.11 | Роҳбарӣ ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ | 12 соат | ба як гурӯҳ дар як ҳафта |
| 2.12 | Роҳбарӣ ба таҷрибаомӯзии педагогӣ дар курси 3-юми ихтисосҳои алоҳида ва курси 4-уми ихтисосҳои ҳамгиро | 24 соат | ба як донишҷӯ дар давраи таҷрибаомӯзӣ |
| | - ба роҳбари факултетӣ | 1 соат | ба як донишҷӯ |
| | - ба роҳбари гурӯҳӣ (фаннӣ) | 12 соат | ба як донишҷӯ |
| | - ба методисти фанни педагогика | 2 соат | ба як донишҷӯ |
| | - ба методисти фанни психология | 1 соат | ба як донишҷӯ |
| | - ба директори муассисаи таълимӣ | 0,5 соат | ба як донишҷӯ |
| | - ба омӯзгори фаннӣ | 6 соат | ба як донишҷӯ |
| | - ба роҳбари синф | 1 соат | ба як донишҷӯ |
| | - ба масъули таҷрибаомӯзӣ | 0,5 соат | ба як донишҷӯ |
| 2.13 | Роҳбарӣ ба таҷрибаомӯзии педагогӣ дар курси 4-уми ихтисосҳои алоҳида ва курси 5-уми ихтисосҳои ҳамгиро | 36 соат | ба як донишҷӯ дар давраи таҷрибаомӯзӣ |
| | - ба роҳбари факултетӣ | 1 соат | ба як донишҷӯ |
| | - ба роҳбари гурӯҳӣ (фаннӣ) | 18 соат | ба як донишҷӯ |
| | - ба методисти фанни педагогика | 3 соат | ба як донишҷӯ |
| | - ба методисти фанни психология | 2 соат | ба як донишҷӯ |
| | - ба директори муассисаи таълимӣ | 0,5 соат | ба як донишҷӯ |
| | - ба омӯзгори фаннӣ | 9 соат | ба як донишҷӯ |
| | - ба роҳбари синф | 1,5 соат | ба як донишҷӯ |
| | - ба масъули таҷрибаомӯзӣ | 1 соат | ба як донишҷӯ |
| 2.14 | Роҳбарӣ ба рисолаи хатми бакалавр ва рисолаи дипломии мутахассис | 18 соат | ба як донишҷӯ |
| 2.15 | Роҳбарӣ ба рисолаи илмии магситр | 36 соат | ба як донишҷӯ дар давраи таҳсил |
| **3** | **КМРО берун аз ҷадвали машғуляитҳои дарсӣ** | **240 соат** | |
| 3.1 | Пешниҳоди мавзуъҳои КМД | 15 | барои як сол |
| 3,2 | Тасдиқи мавзуъҳои КМД | 15 | барои як сол |
| 3.3 | Назорати вазъи иҷрои КМД | 74 | барои як сол |
| 3.4 | Баҳодиҳӣ ба КМД | 120 | барои як сол |

5. Қисми дуюми сарбории омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шакли иҷро намудани корҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ,

иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодӣ пешбинӣ гардида, ҳаҷми иҷро намудани онҳо барои 1,0 воҳиди корӣ дар як соли таҳсил 31 кредит (ё 744 соат)-ро ташкил медиҳад (ҷадвали 3).

Ҷадвали 3

Меъёрҳои муайян намудани ҳаҷми корҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

| № | Номгӯйи корҳо | Ҳаҷми умумии соатҳо | Тавзеҳот |
|---|---|---|---|
| **1** | **Корҳои таълимӣ-методӣ** | **216** | |
| 1.1 | Таҳияи китоби дарсӣ | 40 соат | барои 1 ч.ч. |
| 1.2 | Таҳияи дастуру воситаҳои таълимӣ | 30 соат | |
| 1.3 | Таҳияи барномаи кории фан (силлабус) | 20 соат | |
| 1.4 | Таҳияи матни лексияҳо | 30 соат | |
| 1.5 | Таҳияи супоришҳои тестии электронӣ барои қабули имтиҳони ниҳоии фанни таълимӣ (на камтар аз 100 супориши тестӣ барои 1 кредит) | 30 соат | |
| 1.6 | Таҳия ва истифодаи маводи таълимии мултимедӣ:<br>- бо истифода аз барномаи MS Power Point<br>- бо истифода аз барномаҳои Archi Cad, MaxStudio, MS Excel | 50 соат | |
| 1.7 | Коркарди курсҳои электронии фосилавӣ | 50 соат | |
| 1.8 | Ташкил ва гузаронидани онлайн конференсия, онлайн семинар бо иштироки муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷӣ | 20 соат | |
| 1.9 | Коркарди маҷмӯи (на камтар аз 7) видео-лексияҳо ва маҷмӯи корҳои виртуалии лабораторӣ аз фанни таълимӣ | 50 соат | |
| 1.10 | Коркарди дастуру воситаҳои электронии таълимии дорои элемент (хусусият)-ҳои мултимедӣ ва усулҳои фаъоли таълим | 70 | |
| 1.11 | Коркарди китобҳои дарсии электронӣ бо грифи ВМИ ҶТ | 100 соат | |
| 1.12 | Алоқа бо муассисаҳои таълимӣ (кор бо муассисаҳои таълимии пойгоҳӣ). Иштирок дар кори Шӯрои методии факултет, дар ҳайати гурӯҳҳои кории факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ | 20 соат | |
| 1.13 | Таҳияи фанҳои таълимӣ ба забони англисӣ барои ихтисосҳои ғайрифилологӣ | 80 | |
| 1.14 | Гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос бо дарёфти сертификат | 20 | |
| 1.15 | Нашри мақолаҳои профориентатсионӣ ва мусоҳиба дар шабакаҳои радио ва телевизионӣ | 10 | |
| 1.16 | Иштирок дар ташкил ва гузаронидани олимпиадаҳои фанниии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ | 20 | |
| **2** | **Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ** | **432** | |
| 2.1 | Роҳбарӣ ба лоиҳаи байналмилалии илмӣ, илмӣ-таълимӣ | 150 соат | |
| 2.2 | Иштирок дар лоиҳаи байналмилалии илмӣ, илмӣ-таълимӣ | 50 соат | |
| 2.3. | Роҳбарӣ ба лоиҳаи ҷумҳуриявии илмӣ, илмӣ-таълимӣ | 120 соат | |
| 2.4 | Иштирок дар лоиҳаи ҷумҳуриявии илмӣ, илмӣ-таълимӣ | 50 соат | |
| 2.5 | Роҳбарӣ ба лоиҳаи илмӣ аз рӯи мавзуъҳои фармоишӣ | 100 соат | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 2.6 | Иштирок дар лоиҳаи илмӣ аз рӯи мавзуъҳои фармоишӣ | 50 соат | |
| 2.7 | Гузаронидани экспертизаи лоиҳаҳои илмӣ | 20 соат | |
| 2.8 | Иштирок дар кори ҳайати таҳрири маҷаллаҳои илмии байналмилалӣ | 50 соат | |
| 2.9 | Иштирок дар кори ҳайати таҳрири маҷаллаҳои илмии ҷумҳуриявӣ | 25 соат | |
| 2.10 | Роҳбарӣ ба маҳфили илмии донишҷӯён | 30 соат | |
| 2.11 | Бо дархост барои дарёфти ихтироот муроҷиат кардан | 50 соат | |
| 2.12 | Коркарди веб-захира (сомона) | 150 соат | |
| 2.13 | Коркарди веб-захираи яксаҳифа | 50 соат | |
| 2.14 | Корҳои илмии дар нашрияҳои байналмилалӣ чопшуда | 100 соат | |
| 2.15 | Корҳои илмии дар нашрияҳои ҷумҳуриявӣ чопшуда | 40 соат | |
| 2.16 | Корҳои илмии дар маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ нашршуда | 50 соат | |
| 2.17 | Корҳои илмии дар маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ нашршуда | 20 соат | |
| 2.18 | Нашри монографияи илмӣ | 20 соат ба 1 ҷ.ч. | |
| 2.19 | Роҳбарӣ ба корҳои илии дар нашрияҳои ҷумҳуриявӣ чопшудаи донишҷӯён, магистрҳо, докторантон | 10 соат ба як кор | |
| 2.20 | Роҳбарӣ ба корҳои илии дар нашрияҳои байналмилалии хориҷи наздик чопшудаи донишҷӯён, магистрҳо, докторантон | 15 соат ба як кор | |
| 2.21 | Роҳбарӣ ба корҳои илмии дар нашрияҳои байналмилалии хориҷи дур чопшудаи донишҷӯён, магистрҳо, докторантон | 20 соат ба як кор | |
| 2.22 | Омода намудани донишҷӯёни ғолиби озмунҳои ҷумҳуриявии илмӣ, конференсияҳо ва дорандаи ҷоизаҳо | 30 соат | |
| 2.23 | Омода намудани донишҷӯёни ғолиби озмунҳои байналмилалии илмӣ, конференсияҳо ва дорандаи ҷоизаҳо | 50 соат | |
| 2.24 | Татбиқи натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар раванди таълим (истеҳсолот) | 20 соат барои як санади татбиқшавӣ | |
| **3** | **Корҳои иҷтимоӣ-тарбиявӣ** | **96** | |
| 3.1 | Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо оид ба такмил додани низоми корҳои тарбиявӣ дар сатҳи кафедра (семинарҳо, мизҳои мудаввар ва ғайра) | 20 соат | |
| 3.2 | Коркарди маводи методӣ оид ба корҳои тарбиявӣ | 20 соат ба 1 ҷ.ч. | |
| 3.3 | Ташкили чорабинии тарбиявӣ дар сатҳи кафедра | 20 соат | |
| 3.4 | Ташкили чорабинии тарбиявӣ дар сатҳи факултет | 30 соат | |
| 3.5 | Иштирок дар озмунҳои факултетӣ | 10 соат | |
| 3.6 | Омода намудани донишҷӯёне, ки дар озмунҳои донишгоҳии эҷодӣ, варзишӣ ба гирифтани ҷойҳои намоён сазовор гардидаанд | 20 соат барои як нафар | |
| 3.7 | Омода намудани донишҷӯёне, ки дар озмунҳои ҷумҳуриявии эҷодӣ, варзишӣ ба гирифтани ҷойҳои намоён сазовор гардидаанд | 30 соат барои як нафар | |
| 3.8 | Омода намудани донишҷӯёне, ки дар озмунҳои байналмилалии эҷодӣ, варзишӣ ба гирифтани ҷойҳои намоён сазовор гардидаанд | 50 соат барои як нафар | |
| 3.9 | Иштироки фаъол дар навбатдорӣ дар хобгоҳҳои донишҷӯён дар давоми сол | 5 соат барои 1 навбатдорӣ | |
| 3.10 | Роҳбарӣ ба маҳфили донишҷӯёни кафедра дар давоми сол | 50 соат | |
| 3.11 | Сарпарасти гурӯҳи академӣ | 100 соат | |